«Тасдиқ мекунам»
Директори МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ», номзади илмҳои сиёсӣ__________Маҳмадбекзода М.Ш.
«___» ___________ соли 2020

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда, Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» ба диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи: «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, пешниҳод шудааст.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ**

Дар шароити муосири иқтисодӣ мақоми сармояи инсонӣ, ки он пайваста дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва маърифативу фарҳангии ҷомеаи башарӣ нақши муассир бозидааст, бо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳалаи нави рушди иқтисодӣ боз ҳам бештар мегардад. Зеро ки асоси ҷомеаи навинро сармояи инсонӣ, иқтисоди донишбунёд (маълумотнокӣ) ва тавонмандии ҳунарӣ, қобилияту истеъдоди созандагии онҳо ташкил менамояд. Аз ин рӯ, аз оғози асри XXI донишмандии касбӣ омили муҳими таъсиргузор ба раванди ташаккулёбии захираи инсонӣ маҳсуб дониста мешавад. Ҳаёти воқеии ҷомеа собит намудааст, ки кулли тағйироти то ба имрӯз дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба вуқӯъпайваста: ташкили бизнес, низоми идоракунӣ, равандҳои таълимию омӯзишӣ, тарзи зиндагии аҳолӣ, ҳифозати солимии ҷомеаӣ ва ғайра, маҳз тавассути истифодаи самарабахши захираҳои инсонӣ ё худ тавонмандии касбӣ ба даст омадаанд.

Азбаски, захираҳои инсонӣ дар тамоми корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо ҳам ба ҳайси идоракунандагони объектҳо ва ҳам ба сифати

авомили асосии муайянкунанда ва нерӯи тақвиятдиҳандаи фаъолияти муназзами онҳо хизмат мекунанд, чунин ӯҳдадориҳои функсионалӣ-вазифавии онҳо аз ҳайати кормандон тақозо мекунанд, ки онҳо дорои сатҳи баланди донишҳои қаблан бадастоварда ва малакаву маҳорати баланди шинохтан ва истифода бурдани технологияи муосири истеҳсол ва ба истеъмолкунанда манзур гардонидани маҳсулотро соҳиб бошанд, яъне сатҳи касбияти кормандон дар бозори меҳнат рақобатпазир бошад.

Ҳамзамон, рушди босуръати иқтисодиёти ҷаҳони имрӯза аз ҳар як шахс тақозо менамояд, ки ӯ ҳамчун узви фаъоли ҷомеа дар низоми комплексии идоракунии бисёрҷанбаи муносибатҳои истеҳсолӣ ва дар системаҳои робитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ иштироки фаъоли созандагӣ дошта бошад. Тибқи ин назария иқтисоди муосир аз ҳар як фарди солими ҷамъият дониши касбӣ-созандагӣ ва маърифати баланди эҷодию идоракуниро талаб менамояд.

**Сатҳи асоснокии муқарраротӣ илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои диссертатсия**

Қисмати назариявию методологии таҳқиқоти рисола ба асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ асос меёбад, ки ба таҳқиқоти масъалаҳои гуногунҷанбаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандагии рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ бахшида шудаанд.

Бартариятии рисолаи мазкур, ин ба таври кофӣ коркард гардидани асосҳои назариявии мавзӯи таҳқиқот, асоснок гардонидани муқаррароти илмӣ, пешниҳодот ва хулосаҳо дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои оморӣ ва дигар сарчашмаҳои аввалия мебошад.

Муаллиф дар раванди таҳияи рисола аз усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ, аз қабили индуксия, мутаносибии таърихӣ ва мантиқӣ, таҳлил ва синтез ва ғайра (с.5-6) огоҳона истифода намудааст. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ сатҳи баланди асоснокӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастовардаи Давлатов Сорбон Назримадовичро таъмин намудааст.

**Сохтор ва мундаричаи кор**

Вазифаҳои дар рисолаи илмӣ бамиёнгузоштаи муаллиф ба мақсади таҳқиқот мувофиқ буда, тарз ва сохтори ҷобаҷогузории маводи рисола мантиқан дуруст мебошанд.

Рисолаи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима мубрамияти** мавзӯи диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мушаххасан нишон дода шуда, дараҷаи пажӯҳиши он арзёбӣ гардидааст. Ҳамзмон, мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии он инъикос ёфтаанд (с.6,7,8,9).

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии рушди сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт››** масъалаҳои ташаккулёбӣ ва инкишофёбии назарияии идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт; нақши сармояи инсонӣ дар рушди идоракунии иқтисоди муосир; таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ҷодаи омӯзиш ва идоркунии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Унвонҷӯ зимни таҳлили масъалаҳои номбурда, дар баробари омӯзишу таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ, инчунин фикру андешаҳои олимони ватаниро низ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки барои аксари ташкилотҳои муваффақи замони муосир, идоракунии донишҳо асоси навовариҳои ҷадид ва бартарии рақобатпазирии онҳо мебошад. Идоракунии захираҳои инсонӣ, махсусан, сармояи донишҳо дар замони муосир, ду навъи вазифаро дар пеши ташкилотҳо мегузорад: тактикӣ, яъне ташаккули донишҳои касбие, ки ҷавобгӯйи талаботи истеъмол-кунандагон бошад; стратегӣ, ки вобаста ба татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои миллии рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ҷумҳурӣ, ба

ташаккулёбӣ ва инкишофёбии захираҳои инсонӣ мусоидат менамояд(с.13).

Унвонҷӯ дар заминаи таҳлил ва арзёбии нуқтаи назари олимони гузашта ва имрӯзаи соҳаи иқтисод, инчунин омӯзиши ҷанбаҳои дигари мафҳуми «Сармояи инсонӣ» таърифи муаллифии худро пешниҳод менамояд: «Сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дороии саломатию зиндагии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандии зиёд ба фаъолият ва зеҳнияти хуби масъулиятшиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад» (с.25). Ба ақидаи муаллиф, фаҳмиши «ташаккулёбии сармояи инсонӣ», «нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ», «мақсаднокии равандҳои ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ», «механизмҳои иҷтимоӣ - иқтисодии ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» ва дигар масъалаҳое, ки ба ин мафҳум вобастагии зич доранд, алалхусус, идоракунии он, бе дарки мафҳуми мазкур ҳеҷ аҳаммияте надоранд.

Муаллиф комилан дуруст мешуморад, ки дар аксари давлатҳои пешқадами ҷаҳон консепсияҳои идоракунии захираҳои инсонӣ коркард шудаанд ва тибқи онҳо усулҳои технократӣ ва гуманистии идоракунии одамонро ба роҳ мондаанд, ки идоракунии кормандонро бо технологияи пешрафта дар шароити рақобати озоди бозори байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ таъмин месозанд. Дар илм ва таҷрибаи идоракунӣ ҷорӣ кардани фаҳмиши нав, яъне «захираҳои инсонӣ» зарурати асосноккунии илмии онро ба миён меорад, то ин ки алоқамандии он бо мафҳумҳои анъанавӣ ва коркарди асосҳои назариявӣ - методологии консепсияи замонавии идоракунии захираҳои инсонӣ муайян карда шаванд (с.40-43).

**Боби дуюми рисола – «Таҳлили вазъи маълумотгирии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромаднокӣ ва дараҷаи зисти аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон»** фарогири баррасии масъалаҳои вазъи маълумотгирии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили рушди идоракунии сармояи инсонӣ, таҳлили ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва таҳлили сатҳи даромаднокию дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун сарчашмаи асосии инкишофи сармояи инсонӣ мебошад

Зимни таҳлили раванди тағйирёбӣ ва афзоиши теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёни ба таҳсил фаро гирифташуда, муаллиф қайд мекунад, ки масоили таъмини рушди устувори таълимоти касбӣ ва идоракунии он, ҳамчун як равиши таърихиву фарҳангӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа дониста шуда, дар баробари дигар захираҳои муосир бояд шинохта шавад(с.64-69). Ба ақидаи комилан дурусти унвонҷӯ, интихоби касб барои ҳар як мутахассис ба вазъи бозори меҳнат ва бозори истеъмолии аҳолӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити имрӯза мо бояд он касб ва ихтисосҳоеро интихоб ва сармоягузорӣ намоем, ки дар бозори меҳнати имрӯза ва оянда ба касб ва ихтисоси интихобнамудаи мо талабот бошад.

Муаллиф дар заминаи таҳлил ва баррасии маълумоти оморӣ хулосаҳои воқеъбинонаи зайлро пешниҳод менамояд:

- теъдоди донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва берун тамоюли афзоишёбанда дорад;

- молиягузории давлат дар бахши маориф ва илм, ба ҳисоби миёна аз ҳафт як ҳиссаро ташкил медиҳад, ки ин бозгӯи соҳаи муҳим ва аввалиндараҷа будани бахши мазкур ба ҳисоб меравад(с.70,71);

- бештари бекорон ашхосе мебошанд, ки маълумоти ибтидоӣ доранд ва барои бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо мушкилоти надоштани касбу ихтисоси муайян вуҷуд дорад(с.75-78,84,85).

**Дар боби сеюм ‹‹Роҳҳои мукамалгардонӣ ва инкишофдиҳии менеҷменти сармояи инсонӣ дар шароити рушди зудтағйирёбандаи иқтисодиёт››** муаллиф самтҳои асосии мукаммалгардонӣ ва инкишофдиҳии менеҷменти сармояи инсониро таҳқиқ намуда, масъалаҳои таълимгирии бефосилаи касбӣ, ҳамчун асоси рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосири касбӣ;

равандҳои ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ, ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ ва механизми рушди унсурҳои ташкилдиҳандаи менеҷменти сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиётро таҳқиқ кардааст.

Махсусан, аз ҷониби муаллиф гурӯҳбандӣ гардидани талаботҳои асосии бозори меҳнат ба сармояи инсонӣ ҷолиб мебошад. Гурӯҳбандии талаботҳо аз диди муаллиф чунин аст:

- дар сатҳи оила бозори меҳнат бозтавлидии солимро талаб менамояд, чунки бозтавлидии солим дар оянда рушди устувор ва босуботи оила, ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд;

- дар сатҳи ҷамъият бошад, бозори меҳнат ҷамъияти рушдёфтаро талаб менамояд, чунки ҷамъияти рушдёфта ё рӯ ба рушд, ҷамъиятест, ки дигаронро аз паси худ мебарад;

- доираи дигар, доираи инкишофёбии захираҳои инсонист, ки аз муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ шурӯъ мегардад. Яъне, маълумоти ибтидоие, ки инсонҳо дар ин ниҳод мегиранд, он барои оянда, дар ниҳодҳои сатҳи болоӣ истифода намудан хеле муҳим мебошад. Агар ин ниҳод камфаъолии худро нишон диҳад, дар оянда барои бозори меҳнат беҳтарин мутахассис ояндабинӣ карда намешавад(с.128-134);

Дар хулоса ва пешниҳод натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҷамъбаст гардида, пешниҳодҳои асосӣ мухтасар баён гардиданд.

**Эътимоднокии баёнияҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия**

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, ва иттилооти истифодашуда тасдиқ гардида, ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи коркард ва идоракунии сармояи инсониро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон доир намояд.

Обьективӣ будани усулҳои таҳқиқот, эътимоднокии заминаҳои назариявию методологӣ, истифодабарии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ,

нишондиҳандаҳои оморӣ, инчунин аз озмоиш гузаронидани натиҷаҳои татқиқот, эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаю баёнияҳо ва пешниҳодҳои дар рисолаи овардашударо тасдиқ менамоянд.

**Навгониҳои таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия**

Навгониҳо ва дастовардҳои илмии нисбатан муҳим, ки муаллиф бевосита ба онҳо ноил гардидааст ва онҳоро ба ҳимоя пешниҳод намудаастт, аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- оид ба мафҳум ва консепсияи «Сармояи инсонӣ» таҳлили васеи илмӣ сурат гирифта, моҳият ва аҳаммияти иқтисодии он мувофиқ ба дарк ва фаҳмиши муаллиф шарҳ дода шудааст;

- зимни гузаронидани омӯзишҳои зиёди илмӣ нақш ва аҳамиятнокии идоракунии захираҳои инсонӣ нисбат ба дигар захираҳо муайян карда шуда, саҳми он дар болоравии сатҳи нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисоди ҷумҳури бо пуррагӣ нишон дода шуда, муайян карда шудааст, ки иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузории ин захираҳо ниёзи калон дорад.

- вазъи имрӯзаи таҳсилоти касбӣ дар миқёси ҷумҳурӣ муайян гардида, таҳсилоти бефосилаи касбӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ноил гаштан ба мақсад донистa шудааст ва аз ин лиҳоз пешниҳод карда шудааст, ки дар оянда аз ин роҳ самаранок истифода намудан зарур аст;

- муқаррар карда шудааст, ки даромаднокии аҳолӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сол то сол афзоиш ёфта, тамоюли болоравӣ дорад. Ба ақидаи комилан дурусти муаллиф, ҷиҳати боз ҳам беҳбудӣ бахшидан ба вазъи сармоягузории захираи инсонӣ, ҷудо кардани маблағҳои зарурӣ ва омода намудани мутахасисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат зарур мебошанд;

- механизми рушди аносири ташкилдиҳандаи сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки унсурҳои мазкур бояд пайваста дар мадди назар бошанд ва раванди сармоягузориҳо ба ин захираи нодири иқтисодӣ такмил дода шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифро дар самтҳои зерин мавриди истифода қарор додан мумкин аст:

- ҳамчун манбаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқоти назариявию амалии масъалаҳои нақш ва аҳамияти идоракунии захираи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт;

- дар машғулиятҳои дарсӣ ва курсҳои махсуси назариявию амалии фанҳои таълимии менеҷмент, иқтисодиёти меҳнат, идоракунии захираҳои инсонӣ, назорати ҳайати коргарон, рушди нерӯи инсони ва ғайра;

- истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот барои ташаккули ҷомеаи дорои сатҳи баланди иттилооти касбӣ.

Мутаассифона дар диссертатсияи унвонҷӯ дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ камбудиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ба монандӣ:

1. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ таҳлили ҳамаҷониба нашудааст.

2. Таъсири рушди сармояи инсонӣ ба индекси рушди иқтидори инсонӣ камтар истифода шудааст.

3. Сарчашмаҳои хароҷот ба сармояи инсонӣ пурра таҳлил нашудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат иштибоҳҳои ҷузъии имловӣ низ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои ҷойдошта сатҳи арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи номзадии Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи: «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ маҳсуб меёбад.

Автореферат низ мақсад ва муҳтавои диссертатсияро пурра нишон медиҳад.

Рисолаи номзадии пешниҳоднамудаи Давлатов С.Н. ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05- иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент мебошад.

Тақриз ба кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» муҳокима ва тасдиқ гардидааст (Протоколи № 7 аз «19» ноябри соли 2020).

**Раиси ҷаласа:**
Директори МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ», номзади илмҳои сиёсӣ __________ Маҳмадбекзода М.Ш.

Лоиҳаи тақризро таҳия кард __________ Раимдодов У.С.

Котиби ҷаласа: __________ Ҳамдамова Н.У.

«Имзоҳои « Маҳмадбекзода М.Ш., Раимдодов У.С. ва Ҳамдамова Н.У. -ро тасдиқ мекунам».
Нозири калони шуъбаи кадрҳои МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» __________ Рамадонова Р.М.

**Суроға:** 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш Душанбе, кӯч.Н.Ҳувайдуллоев, 270А
Тел.: (992)250-16-74, 250-16-72
Суроғаи электронӣ: www.mehnat.tj/nii/
Почтаи электронӣ: E-mail: nii-truda@mail.ru